# Гузориш аз баргузории машғулияти идоравӣ оид ба омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ» дар Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандони Кумита

Submitted by Ҳайати тадорукот on 15 July, 2021 - 15:00

[1]

Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 13-уми июли соли 2021, соати 15:00 бо мақсади татбиқи банди 59-и Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 2020, №647 тасдиқ гардидааст, ҷиҳати шарҳу эзоҳи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ» дар маҷлисгоҳи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони ин ниҳод машғулияти идоравӣ гузарониданд.

Дар машғулияти идоравӣ муовини раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод, сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита Зулфониён Раҳим Раҷабзода ва мутахассиси пешбари шуъбаи танзими истилоҳот Маҳмадёрова Гулҷаҳон иштирок дошта, «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30-юми июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, шарҳ доданд.

Бояд зикр намуд, ки аз ҷониби кормандони Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саволҳо оид ба риоя намудани номгузории мағоза ва марказҳои хизматрасонӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва ҳангоми коргузорӣ риоя намудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», инчунин, ҳамкории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуданд, ки аз тарафи С. Раҳматуллозода ва Р. Зулфониён ҷавобҳои мушаххас ироа гардид.
Қобили зикр аст, ки баргузории чунин чорабиниҳо дар самти пешбурди сиёсати давлатӣ дар бораи забон манфиатбахш буда, дар рушди забони давлатӣ натиҷаҳои судманд дорад.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]

-

- 

- 

**Source URL:**https://www.kumitaizabon.tj/en/node/6755?mini=2026-08

**Links**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20210713_151418.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/28 [3] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [4] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210713_151418.jpg [5] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210713_151422.jpg [6] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210713_151438.jpg [7] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210713_151453.jpg